# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсия ва автореферати Раҷабов Вайсиддин Давлатбекович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) – 6D010101.01-Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ))

Дар ҷомеаи муосир ба масъалаи шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Аҳамият пайдо кардани масъалаи шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила барои амалӣ гардонидани фаъолияти педагогӣ бо манфиатҳои давлат ва ҷомеа алоқаманд аст.

Дуруст аст, ки шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила дар замони муосир дорои аҳамияти муҳими педагогӣ ва амалӣ мебошад, зеро бе омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи бадастовардаи корӣ дар раванди ҳамкориҳои педагогӣ наметавон масъалаҳои шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оиларо муваффақона ҳаллу фасл намуд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот ҷиҳати ба даст овардани донишҳои илмӣ - методӣ оид ба шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила ошкор ва муайян карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки тамоми дигаргуниҳое, ки ҳоло дар соҳаи тарбияи томактабӣ ба амал меояд, ба баланд бардоштани сифати он нигаронида шудааст. Сифат бештар аз сатҳу дараҷаи ҳамкории волидон ва муассисаи таҳсилоти томактабӣ вобаста аст. Натиҷаҳои бомуваффақиятро танҳо тавассути ҳамкории мутақобилаи волидон ва муассисаи кӯдакон дар фазои ягонаи таълимӣ - мавҷудияти ҳадафҳои умумӣ ва вазифаҳои

тарбияи кӯдакон метавон ба даст овард.

Мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ - Раҷабов Вайсиддин Давлатбекович хеле мубрам буда, воқеъан ҳам он мушкилоте, ки вобаста ба масъалаҳои иҷтимоӣ-педагогии рушди таҳсилот дучор мегардад, баррасӣ менамояд. Дар ин ҷода аз ҷониби муҳаққиқ бо мақсади муайян намудани дараҷаи мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, ҳадафи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, асоси методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқот ва пойгоҳи таҷрибавию озмоишии таҳқиқот, муайян карда шудааст ва он бешубҳа қобили қабул аст.

Рисола муҳимтарин масъалаҳоро фаро гирифта, дар он шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила муайян ва роҳҳои ҳалли он мушаххас пешниҳод гардидааст ва натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот ба даст овардашуда метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи масоили марбут ба масъалаҳои дигари арзиши муҳими иҷтимоӣ дар фаъолияти тарбиявию таълимии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар марҳалаи кунунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намоянд.

Муаллиф моҳият ва мазмуни корҳои озмоиширо доир ба мавзуи интихобкардааш комилан дар чорчӯбаи талаботи фаъолияти педагогӣ марбут ба масъалаҳои арзиши муҳими иҷтимоӣ дар фаъолияти тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ баррасӣ менамояд, ки он ҳамчун арзёбии сифатии он хизмат мекунад.

Ҳамчунин бояд кайд кард, ки натиҷаҳои бадастомадаро мураббӣ-омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ метавонанд зимни таҳияи барномаҳо ва технологияҳои ташаккули муносибати арзишнок нисбат ба шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила дар шароити ҷомеаи муосир истифода баранд.

Дар рисолаи илмии Раҷабов  Вайсиддин Давлатбекович тарбия асосан ҷараёни ҳадафмандонаи муназзам ва мантиқан пайгиронаи ташаккул ва таҳаввули ҷисмонию ақлонии кӯдаконро ифода намуда, инчунин тахти сифат бароҳандозии раванди ҳамкории фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ ва волидонро ба танзим медарорад.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти гузаронидашуда дар коркарди муносибати методологӣ, назариявӣ ва амалӣ марбут ба ҳаллу фасли масъалаҳои арзиши муҳими иҷтимоӣ дар фаъолияти тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ нақши муҳим мегузорад.

Ба тариқи пешниҳод гуфтанӣ ҳастем, ки дар ҳолати бештар овардани таҳлили таҳқиқоти олимони ватанӣ доир ба масъалаи баррасишаванда, мазмуни рисола боз ҳам хубтару ғанитар мегардид.

Диссертатсия ва  автореферати  Раҷабов  Вайсиддин Давлатбекович дар асоси стандартҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст.

Автореферати диссертатсия хеле пурмазмун дар доираи рисола таълиф гардида, дар маҷмуъ натиҷаҳои кори таҳқиқотии муаллифро инъикос мекунад. Аз натиҷаи таҳлили автореферати диссертатсия аён мегардад, ки муҳаққиқ зимни баррасии масъалаҳои назариявӣ андешаи шахсии худро  низ баён кардааст.

Хулоса, таҳқиқоте, ки Раҷабов  Вайсиддин Давлатбекович ба анҷом расонидааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз диди амалӣ барои аз нуқтаи илмӣ ҳаллу фасл намудани ин проблемаи муҳими педагогӣ боз як кори таҳқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои минбаъдаи таҳқиқи ин муаммо  манбаи боэътимоде хоҳад буд.

Дар ҳамин асос метавон ба натиҷае расид, ки кори таҳқиқотии Давлатбекзода  Вайсиддин Давлатбек дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила», таҳқиқоти мустақил ва ба анҷомрасида буда, автореферат мӯҳтавои асосии

диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чоп намудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, фарогири мавзуи диссертатсия мебошад.

Муаллифи диссертатсия Раҷабов Вайсиддин Давлатбекович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) – 6D010101.01-Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ)) арзанда аст.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Қурбонов Ф.А.
«06» майи соли 2024

Имзои Ф. А.Қурбоновро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, к. Айнӣ, 67.
Тел.: (+992-3222) 2-45-20, 2-22-53
E-mail: bgu-1978@mail.ru